аз 08.07.2024, №12671/11.1-д

Мақомоти ҳудудии андоз
ва андозсупорандагон

Оид ба тартиби андозбандӣ дар низоми
содакардашудаи андозбандии
фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ
ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 20.06.2024, №2066 (минбаъд - Қонун) амали боби 55 Кодекси андоз низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво то 31.12.2025 тамдид карда шуд.

1.Дар қисми 1 Қонун пешбинӣ карда шудааст: "1. Ба сархати сездаҳуми қисми 4 моддаи 251 пас аз калимаи "молҳо" калимаҳо ва рақамҳои ", ба истиснои гандум навъи 1-4" илова карда шаванд.".

Тибқи муқаррароти мазкур минбаъд воридоти гандуми навъи 1-4 новобаста аз он, таъиноташон ба субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво ворид карда мешаванд, аз андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) озод нагардида, бо меъёри стандартӣ андозбандӣ карда мешаванд.

Озодкунӣ аз ААИ нисбат ба воридоти гандуми навъҳои ғайри навъи 1-4 барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво то 31 декабри соли 2026 амалӣ мегардад (талаботи қисми 11 моддаи 397 Кодекси андоз).

2.Мутобиқ ба муқаррароти қисми 2 Қонун пешбинӣ карда шудааст: "Дар қисми 7 моддаи 397 рақам ва калимаҳои «2023 амал мекунанд» ба рақамҳо ва калимаҳои «2025 амал намуда, имтиёзҳои муқаррарнамудаи

низоми андозбандии мазкур аз 1 январи соли 2024 ба андозаи 50 дарсади меъёри андозҳои дар Кодекси мазкур муқарраршуда татбиқ карда шуда, ҳангоми ошкор гардидани ҳолатҳои суйистифода шудани имтиёзҳо ва ё рӯйпӯшкунии андозҳои озодкардашуда ба андозаи дукаратаи меъёри муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ҳисоб карда мешаванд» иваз карда шаванд”.

Тибқи муқаррароти мазкур минбаъд имтиёзҳои андозие, ки барои низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво (боби 55 Кодекси андоз) муқаррар шуда буд аз 1 январи соли 2024 то 31 декабри соли 2025 ба андозаи 50 дарсади меъёри андозҳои дар Кодекси андоз муқарраршуда татбиқ карда мешавад.

3. Мутобиқ ба талаботи қисми 2 моддаи 395 Кодекси андоз субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво андозҳои зеринро бо меъёри 50 фоиз ҳисоб ва пардохт менамоянд:

- андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ;
- андоз аз арзиши иловашуда;
- андоз аз объектҳои ғайриманқул;
- андози замин.

4.Тибқи муқаррароти бобҳои 25, 36 ва 53 Кодекси андоз ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ татбиқ намегардад.

5. Бо мақсади дуруст дарҷ гардидани маблағи ҳисобшавандаи андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин аз рӯи меъёри 50 фоиза, субъектҳои соҳаро зарур аст, ки аз шакли аризаҳои тағйиротии объектҳои ғайриманқул ва замин, ки дар қисмати эъломияи андозҳо аз молу мулки модули барномаи компютерии Системаи иттилоотии идоракунии андозҳо ҷойгир карда шудааст, истифода намуда, бо ворид намудани нишондиҳандаҳо ҳисоботи мазкурро ба мақомоти андоз тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳод намоянд.

6.Тибқи талаботи моддаи 264 Кодекси андоз меъёри стандартии ААИ бо ҳуқуқи баҳисобгирӣ - 14 фоиз (аз 01.01.2024) ва меъёри пасткардашудаи ААИ нисбат ба фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо меъёри пасткардашудаи ААИ - 5 фоиз бе ҳуқуқи баҳисобгирии ААИ пешбинӣ карда шудааст, ки барои субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраргардида, мутаносибан 7 ва 2,5 фоиз татбиқ мегардад.

Мутобиқи муқаррароти банди 19) моддаи 2 Кодекси андоз маҳсулоти кишоварзӣ – натиҷаи (маҳсули) ибтидоии парвариши растаниҳо ва чорво, дороиҳои дигари биологӣ, ки таҳти коркарди саноатии минбаъда қарор нагирифтааст, шуморида мешавад. Тибқи банди 20) моддаи 2 Кодекси андоз

коркарди саноатӣ – амалиёти технологие, ки бо истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз ашёи хоми кишоварзии аз коркарди аввалия гузашта алоқаманд мебошад. Яъне, тухми паранда, мурғ ва моҳии зинда маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, гушти паранда ва моҳӣ, инчунин хӯроки омехтаи паранда ва чорво, ки маҳсулоти аз коркарди саноатӣ гузашта мебошанд, маҳсулоти кишоварзӣ ҳисобида намешаванд.

Бинобар ин, таҳвили тухми паранда, паранда ва моҳии зинда бо 50 фоизи меъёри пасткардашудаи ААИ – 2,5 фоиз ва таҳвили гушти паранда ва моҳӣ, инчунин хӯроки омехтаи паранда ва чорво бо 50 фоизи меъёри стандартии ААИ- 7 фоиз андозбандӣ мегарданд.

Ҳангоми аз ҷониби андозсупоранда таҳвили тухми паранда (меъёри ААИ 50 фоиз - 2,5) чунин андозсупоранда ҳуқуқи ба ҳисоб гирифтани ААИ-ро надоранд. Дар чунин сурат, маблағи ААИ, ки баҳисобгирии он иҷозат дода нашудааст, ба арзиши аслии маҳсулот зам карда мешавад.

Ҳамзамон, субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, ки ААИ стандартиро бо меъёри 7 фоиз ҳисоб ва пардохт менамоянд, ҳуқуқ доранд ААИ ҳангоми хариди мол, кор ва хизматрасонӣ пардохтшударо ба андозаи на зиёда аз 7 фоиз ба ҳисоб гиранд. Боқимонда маблағи ААИ, ки баҳисобгирии он иҷозат дода намешавад, ба арзиши аслии маҳсулот зам мегардад.

7. Мутобиқ ба талаботи моддаҳои 249, 265, 267 ва 270 Кодекси андоз, андозсупорандагонро зарур аст, ки ҷиҳати дуруст муайян гардидани уҳдадориҳои андозӣ бо назардошти андозаи 50 дарсади меъёрҳои муқарраргардида барои ААИ барои давраҳои моҳҳои январ – майи соли ҷорӣ ҳисобнома-фактураи тасҳеҳӣ ААИ ва эъломияҳои тасҳеҳии ААИ-ро барои ҳар як моҳ аз нав бозҳисобӣ намуда, онро ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

8.Мақомоти андоз дар асоси талаботи моддаҳои 100,107, 249, 265, 267 ва 270 Кодекси андоз дурустии ҳисобнома-фактураи тасҳеҳӣ ва эъломияҳои тасҳеҳии ААИ ва ба ҳисоб гирифтани маблағҳои ААИ дар натиҷаи тасҳеҳ ба миён омадаро назорат намуда, оид ба ин андозсупорандагонро огоҳ менамоянд.

9. Тибқи муқаррароти банди 9 Дастурамал оид ба андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, инчунин шаклҳои эъломияҳо (маълумот, ҳисобот), ки бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 07.01.2022, №3-Ф тасдиқ карда шудааст, субъектҳои соҳа вобаста ба амалиётҳое, ки аз рӯи онҳо ҳисобнома-фактураи ААИ пешниҳод карда нашудааст, уҳдадоранд ҳар моҳ то санаи 10-уми моҳи баъд аз моҳи ҳисоботӣ маълумотҳоро тибқи замимаи 2 ба Дастурамали номбаршуда ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

10. Зимнан, мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024" ААИ танҳо барои воридоти гандум, коркард ва фурӯши

маҳсулоти аз гандум коркардшуда, аз ҷумла макарони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда, инчунин фурӯши равғани растанӣ барои корхонаҳои коркарди равған бо меъёри 10 дарсад ва барои фурӯши бақияи коркарди зироатҳои равғанидиҳанда (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) бо меъёри 7 дарсад муқаррар карда шудааст. Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ) барои фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, аз ҷумла маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда, инчунин барои коркарди равғани растанӣ ва фурӯши он пардохта шудааст, наметавонад аз 10 дарсад ва барои фурӯши бақияи коркарди зироатҳои равғанидиҳанда (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) 7 дарсад зиёд бошад. Муқаррароти мазкур ба имтиёзҳои пешбининамудаи сархати сездаҳуми қисми 4 моддаи 251 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 13) моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегарданд”.

Кумитаи андоз вобаста ба татбиқи дурусти талаботи қисми 1 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024” ба мақомоти ҳудудии андоз мактуби дастурӣ аз 11.04.2024, №6901/11.1-д ирсол намудааст.

11.Ба инобат гирифта шавад, ки дар Қонун пешбинӣ гардидааст, ки ҳангоми ошкор гардидани ҳолатҳои суистифода шудани имтиёзҳо ва ё рӯйпӯшкунии андозҳои озодкардашуда аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, андозҳо ба андозаи дукаратаи меъёри муқаррарнамудаи Кодекси андоз ҳисоб карда мешаванд.

Мисол: Шахси ҳуқуқӣ дар тавозуни худ 2000 м$^2$ объекти ғайриманқул дорад ва дар соҳаи парандапарварӣ фаъолият менамояд. Шахси ҳуқуқии мазкур бо истифода аз талаботи қисми 2 моддаи 395 Кодекси андоз аз андоз аз объектҳои ғайриманқул барои 2000 м$^2$ ба андозаи 50 дарсад озод шудааст. Аммо корҳои назоратии мақомоти андоз нишон доданд, ки шахси ҳуқуқӣ аз 2000 м$^2$ объекти ғайриманқул танҳо 1000 м$^2$-ро бо мақсади парандапарварӣ истифода намуда, 500 м$^2$-ро ба иҷора дода, 500 м$^2$-ро бо мақсадҳои истеҳсоли маҳулоти сохтмонӣ истифода менамояд.

Мақомоти андоз бо назардошти талаботи Қонун барои 1000 м$^2$ объекти ғайриманқуле, ки бо суистифода аз Қонун ба андозаи 50 дарсад аз имтиёз аз андоз аз объектҳои ғайриманқул озод шудааст, андози мазкурро ба андозаи дукаратаи меъёри муқаррарнамудаи Кодекси андоз ҳисоб менамояд. Яъне нисбат ба ҳамон андозе, ки суистифода шудани имтиёзҳо ва ё рӯйпӯшкунӣ муайян шудааст.

Инчунин, ҳангоми ошкор шудани ҳолатҳои суистифода шудани имтиёзҳо ва ё рӯйпӯшкунии амалиётҳо вобаста ба молҳои ба субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво воридшуда, андозҳо ба андозаи дукаратаи меъёри муқаррарнамудаи Кодекси андоз ҳисоб карда мешаванд.

12.Мувофиқ ба муқаррароти сархати сездаҳуми қисми 4 моддаи 251 воридоти гандуми навъи 1-4, ки барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, ҳангои барасмиятдарории гумрукӣ бо меъёри 14 фоиз ААИ андозбандӣ карда шуда, таҳвили минбаъдаи чунин навъҳои гандум бо назардошти болонархӣ бо меъёри 14 фоиз ААИ бо ҳуқуқи ба ҳисобгирии ААИ андозбандӣ карда мешавад.

Бинобар ин, субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво уҳдадор мебошанд, ки тибқи муқаррароти зикргардидаи Кодекси андоз андозҳоро ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки муҳтавои мактуби мазкурро ба андозсупорандагон расонида, оид ба сари вақт иҷрои уҳдадориҳои андозии субъектҳои хоҷагидории фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво чораҷӯӣ намоянд.

Мактуби дастурии Кумитаи андоз аз 26.01.2024, №1413/11.1-д аз эътибор соқит дониста шавад.

Раис Н. Давлатзода